# ТАҚРИЗИ

мушовири илмӣ ба рисолаи доктории Аҳмадзода Зулфия Кабир таҳти унвони «Асосҳои консептуалии ташаккули арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ дар заминаи истифодаи афкори педагогии ниёгон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01- педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмхои педагогӣ )

Барои ҳар як давраи таърихии Тоҷикистон арзишҳои махсуси миллӣ ва умумибашарӣ хосанд, ки халқ онҳоро ба сифати қонун, оинномa, дастур, шиор ва низом мавриди истифода қарор медиҳад. Худи халқ тасмим мегирад, ки кадоме аз онҳо барои ҳамагон ҳатмист ва ба низоми ҳаёти иҷтимоӣ ва шахсӣ, ҳамоҳангӣ ва ниятҳои некро ворид месозад.

Аксар олимону нависандагон ва шоирони асрҳои миёна пайрави ақидаю мавқеъҳои пешқадами замони худ буданд. Онҳо башардӯстиро ҳамчун асоси тарбияи ахлоқӣ ва маънавии насли ҷавон таблиғ менамуданд. Маҳз дар ҳамин замон адабиёте арзи вуҷуд менамуд, ки манбаи донишҳо дар илмҳои гуногун ва соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, аз ҷумла педагогика ба ҳисоб мерафт. Имрӯз он адабиёт воқеан ахлоқӣ ва амиқан маънавӣ эътироф шудааст.

Аҳмадзода Зулфия Кабир соли 1995 факултаи филологияи тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро хатм намуда, дар Донишкадаи иқтисодии Тоҷикистон фаъолия худро оғоз намудааст. Дар давоми фаъолияти кории худ соли 2011 рисолаи номзадиашро таҳти унвони «Тарбияи ҷавонмардӣ дар таърихи афкори педагогии халқи тоҷик» ҳимоя намудааст.

Диссертант Аҳмадзода Зулфия шахси меҳнатдӯст, поквиҷдон ва хеле масъулиятнок мебошад.

Нашри як қатор мақолаҳои илмии Аҳмадзода Зулфия –«Тарбияи арзишҳои оилавӣ-хамчун асоси рушди устувори ҷомеаи муосир», «Масоили ҳифзи арзишхои миллӣ дар Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумхурии Тоҷикистон», «Нақши Эмомалӣ Раҳмон дар ҳифзи арзишҳои

миллӣ ва худшиносии миллӣ», «Аҳамияти татбиқи ақидаҳои ниёгон ва мутафаккирони кунунӣ дар низоми таҳсилоти муосир», «Афкори педагогии ниёгон дар ташаккули ахлоқии насли наврасу ҷавон» ва ғайраҳо бозгуи онанд, ки нисбати тарбияи насли наврасу ҷавон ки дар вазъи кунунӣ, яъне ҷаҳонишавии ҷомеаи муосир масъалаи доғи рӯз ба шумор меравад, бетарафӣ карда наметавонанд.

Ӯ ҳамчун муҳаққики нуктасанҷ, дар таҳқиқоти худ аз афкори мутафаккирону олимон истифода намуда, ғоя ва андешаҳои ҳар яки онҳоро самаранок корбарӣ намудааст.

Дар навиштани рисолаи илмӣ, ки ҷусторҳои пайваста ва натиҷаҳои назаррасро ноил гаштааст, самаранок истифода намудааст. Шахсан худаш дар озмоиши натиҷаҳои кори докториаш ширкат намуда, вобаста ба онҳо 3 монография нашр намудааст.

Муҳим аз ҳама Аҳмадзода Зулфия ҳар як зербоби рисолаи худро ҳамаҷониба омӯхта, ҳар як сарчашма ва маводи истофодашударо бо фикри том ҷамъбаст намудааст.

Интишороти мақолаҳои ӯ махсус ба таълиму тарбияи ҷавонон тавъаманд ва масъалаи ташаккули арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ мавриди баррасӣ қарор додааст.

Аҳмадзода Зулфия –ҳамчун педагог бо таҷрибаи кории пурғановат дар мактаби олӣ бо роҳандозии усулҳои муосири таҳсилот, ташкили конференсияву маҳфилҳои илмию зеҳнӣ, ташаббусҳои созанда дар самти ободонӣ ва тарбияи насли ҷавон дар руҳияи ватандӯстӣ ва арзишҳои миллӣ саҳми назаррас дорад. Барои болоравии касбии худ ҳамеша мекушад ва бозомӯзӣ мекунад.

Якчанд васоитҳои таълимӣ ва дастурҳои методӣ аз чоп бароварда, иштирокчии бевоситаи конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ мебошад.

Мавзӯи баррасӣ намудаи Аҳмадзода Зулфия таҳти унвони «Асосҳои консептуалии ташаккули арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ дар заминаи истифодаи афкори педагогии ниёгон» мубрам

буда, муаллиф тавонистааст, мазмуну муҳтавои онро дуруст муайян намояд. Таҳқиқоти илмӣ аз рӯи ҳаҷм, мазмун ҷавобгӯи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рисолаҳои докторӣ буда, бахри дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01-педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ ) тавсия дода мешавад.


Мушовири илмӣ:
доктори илмҳои педагогӣ, профессори
кафедраи психология ва сотсиологияи идоракунии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзализода Ҷумахон Хол

01.12.2025 с.

**Суроға:** 734009, Ҷумҳурии Тоҷикистан, ш. Душанбе, кучаи. Саид Носир, 33
**Тел.:** (+992322) 2-21-89-56. Моб.: +992 918-50-63-24
**Суроғаи электронӣ:** f.jumakhon@mail.ru.


Имзои Ҷ. Файзализодаро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистан Аслиддин Насурдинзода
01.12.2025 с.